**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Алишери Амирхон дар мавзӯи «Ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1991-2016)» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик). Душанбе, 2022.**

Фарҳанг ҳамеша ва пайваста дар мадди назари роҳбарияти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фарҳангу маорифро муҳимтарин рукни ҳастии миллату давлат тавсиф карда, барои рушди он пайваста талош меварзад. Диссертатсияи Алишери Амирхон ба омӯзиш ва таҳлили ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар замони соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ бахшида шудааст,

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот инъикоси ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Объекти таҳқиқот диссертатсионӣ таҳаввулоти фарҳангӣ дар соҳаи маориф, адабиёт ва санъати вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Чаҳорчӯбаи хранологии таҳқиқот охири асри XX – ибтидои асри XXI-ро фаро мегирад. Дар ин давра ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври амиқ тағйир ёфт. Давраи мавриди назарро аз лиҳози дараҷа ва сатҳи рушди фарҳанги вилоят метавон ба се марҳала ҷудо кард.

Сарчашмаҳои асосие, ки барои навиштани рисола истифода шуд, суханронӣ ва баромадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводди Бойгонии давлатии марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводди бойгониҳои ҷории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои Раёсати маорифи вилояти Хатлон, Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон, ҳамчунин, ҳисоботи панҷсола ва солонаи донишгоҳу донишкада, коллеҷу омӯзишгоҳ ва дигар муассисаҳои илмию фарҳангии вилояти Хатлон ба шумор меравад.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва номгӯи адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзӯи таҳқиқ асоснок шуда, сатҳи омӯзиши он, робитаи кор бо барномаҳои таҳқиқотӣ ва мавзуоти илмӣ, объекти таҳқиқ, мавзуи таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, масъалагузориҳои рисола, доираи хронологии таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, навгонии илмӣ, сарчашмаҳои таҳқиқотии рисола, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодгардида, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, тасвиби таҳқиқоти илмӣ, сохтор ва ҳаҷми рисола муайян гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия ***«Таҳаввулот дар низоми таълиму тарбия»*** буда он аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал дигаргуниҳо дар соҳаи маорифи вилояти Хатлон ва дар зербоби дуюм вазъи таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаи касбӣ ва олӣ баррасӣ гардидаанд.

Боби дувуми диссертатсия ***«Вазъи адабиёт ва санъат»*** ном дошта дар се зербоби он масъалаҳои нақши адабиёт ва васоити ахбори омма дар пешрафти ҳаёти маънавии мардуми вилоят, вазъи рушди ҳунари театрию мусиқӣ ва таҳаввулот дар низоми фаъолияти муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии вилояти мазкур таҳлил гардидаанд.

Дар хулоса фикри ҷамъбастии муаллиф ва пешниҳодот баҳри дар оянда таҳқиқ намудани мавзӯи мазкур оварда шудаанд.

Аз мазмун ва мундариҷаи кор аён мегардад, ки диссертатсияи мазкур мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертсияҳои номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, ҷавобгӯи он мебошад.

Хулоса, диссертатсия дар мавзӯи **«Ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1991-2016)»** кори мантиқан ба анҷом расида ҳисобида шуда, он ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ» ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Алишери Амирхон – сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

**Муовини декан оид ба корҳои**
**Таълимии Донишгоҳи**
**Давлатии омӯзгории Тоҷикистон**
**ба номи С. Айнӣ,**
**номзади илмҳои таърих** **Мусоев Алишер Қорабоевич**

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121, ДДОТ ба номи С.Айнӣ,
тел.: + 992 918 80 64 62

**Тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДОТ**
**ба номи Садриддин Айнӣ** **Абдукарим Мустафозода**

**«14» 11 2022 с.**